# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 174 с.**

Адибон дар шинохти каломиҷ мавзуну корбурди сухани ноб аз гавҳаршиносони беназири уқёнуси илму адаб шинохта шудаанд. Маҳз бо туфайли ашъору осори онҳо чаманистони махзани илму адаб муанбар аст. Калимоту ибороте, ки аз нӯги қалами онҳо рӯйи сафҳа меояд, ҳар кадоме дар тарозуи ақл баркашида ва дар кӯраи оташи андешаашон гудохта шуда, пешкаши аҳли илму адаб мегарданд. Аз ҳамин ҷост, ки дар забон калимаву маъниҳои нав зуҳур мекунанд ва таркиби луғавии забонамонро боз ҳам бою ғанитар мегардонанд.

Мутафаккир, ориф, нависанда ва шоири нуктасанҷи форсу тоҷик, Ҷалолиддин Балхӣ аз зумраи он шоиронест, ки таркиби осорашон мамлуъ аз суханпардозиҳои нав, маъниҳои баланд ва шоҳкориҳои наҷиб аст. Забон ва услуби осори шоир бо як қатор хусусиятҳои луғавиву сохториаш аз эҷодиёти шоирони дигар фарқ карда меистад. Муҳаққиқон, аз ҷумла адабиётшиносону забоншиносон маҳз ҳамин паҳлуи осори шоирро ба назар гирифта, ҷанбаҳои гуногуни осори ӯро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Яке аз чунин таҳқиқот диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна таҳти унвони «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» мебошад, ки ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи замина ва роҳу василаҳои калимасозӣ бахшида шудааст. Аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф диссертатсияи тақризшаванда ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна аз он иборат аст, ки таҳқиқи сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносиии тоҷик ба шумор рафта, таҳқиқи амиқи он метавонад ба ҳалли чандин масъалаҳои забон дар самти калимасозию морфология ва дар самти муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки бори аввал сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддин Балхӣ ба таври мушаххас таҳқиқ шуда, алоқамандона бо ин қолабҳои сохтории калимаҳо, нақши вандҳои калимасоз дар ташаккули онҳо, қолабҳои сохтории калимаҳои мураккаб, мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркиби онҳо ва калимаҳои дар доираи қолабҳои маъмули калимасозӣ бавуҷудомадаи шоир муқаррар карда шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқ муайян шудааст.

Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, 32 фаслу зерфасл, хулоса ва феҳристи осори илмиву бадеӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 174 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** доир ба мубрамият ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи аз худ шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқот, мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажӯҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Калимасозии морфологӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»**ном дошта, аз 14 фаслу зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб диссертант кӯшиш намудааст, ки доир ба яке аз шохаҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ – калимасозӣ маълумот дода, аҳаммияти онро дар рушду инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ арзёбӣ кардааст. Дар баробари ин, зикр менамояд, ки калимасозӣ заминаи муътамади ба вуҷуд омадани калимаҳои гуногунсохту гуногунмаънӣ ба шумор рафта, асолату бойгарӣ ва устувории таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳз тавассути корбурди усулҳои гуногуни калимасозӣ таъмин карда мешавад. Дар диссертатсия дар асоси асарҳои муътамади илмиву адабӣ доир ба таърихи ташаккулу таҳаввул ва заминаҳои пайдоиши роҳу воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ маълумоти муфид додааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рисолаву дастурҳои таълимӣ ва силсилаи мақолаҳои дар мавзуи калимасозӣ иншошуда аз ҷониби диссертант мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, роҳу воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ ва корбурди онҳо дар системаи ҳиссаҳои нутқ таҳқиқ шудааст. Сипас дар заминаи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ҳунари суханварӣ ва маҳорати маъниофарии ин шоири забардаст таҳқиқу таҳлил шудааст. Аз мазмуну муҳтавои боби мазкур бармеояд, ки дар ин қисмати кор дар хусуси вазифаҳои дастурӣ ва хусусиятҳои калимасозии пешванду пасвандҳои калимасоз маълумот дода шуда, нақши калимасозии онҳо, дараҷаи истеъмол ва корбасти қолабҳои гуногуни калимасозӣ ба воситаи ин морфемаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз таҳқиқи анҷомдодаи диссертант маълум мегардад, ки шоири нуктасанҷ Ҷалолиддини Балхӣ аз тамоми имкониятҳои дохилии забои тоҷикӣ ва роҳу усулҳои калимасозии забони тоҷикӣ моҳирона истифода намуда, барои назокату маънии балиғ доштани сухан дар баробари калимаҳои маъмулу маъруфи дар таркиби забони тоҷикӣ мавҷудбуда вожаҳоеро дар ғазалиёташ корбаст намудааст, ки дар эҷодиёти дигар қаламкашон кам ба назар мерасанд ва як иддаи онҳо дар забонамон ҳамто надоранд.

Масалан, калимаҳои **дарандешидан, дарнигаристан, бокушод, боимсол, рақсгарӣ, тарсгар, ойинадон, наргисдон, ситамистон, хуфтаистон, зулмин, ишқнок, ишқманд, фикрнок, силсиламанд, васвасаманд, гулшантар, зоҳиртар, раққостар** аз ҷумлаи калимаҳоеанд, ки бо роҳи калимасозии пешвандию пасвандӣ сохта шуда, дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ бо фасоҳати маънии баландашон ҷойгоҳи вижаро касб кардаанд.

Аз таҳлилу баррасии боби мазкур айён гашт, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо ҳунари волои суханпардозиаш аз дигар ҳамсафони худ дар баёни маънии бикр ва салосату балоғати суханварӣ муқаддамтар буда, дар пояи калимасозии пешвандию пасвандии забони тоҷикӣ, калимаҳое сохтааст, ки бевосита ба услуби фардии шоир хос буда, аз камолоти эҷодии шоир дарак медиҳад.

Диссертант дар **боби якум** бо нишон додани афзалиятҳои эҷодии шоир дар калимасозӣ ва маъниофарӣ ба дастовардҳои арзишманди илмӣ шарафёб шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия Ҷиҳонова Г.А. **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** ном дошта аз 17 фаслу зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб дар асоси маводи

ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ пажуҳиши лингвистӣ шуда, заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти шоир таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертант сараввал дар хусуси сохтори морфологии калимаҳои мураккаб маълумот дода, қолабҳои гуногуни сохтани калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоирро муайян намуда, афзалият ва хусусиятҳои фарққунандаи калимаҳои мураккаби офаридаи шоирро нишон додааст. Баъдан, довталаби дараҷаи илмӣ калимаҳои мураккабро дар асоси маълумоти сарчашмаҳои илмӣ аз рӯйи анъана ба се гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта дастабандӣ намуда, дар заминаи маводи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавқеъ, доираи истеъмол ва корбасти калимаҳои мураккабро дар ғазалиёти шоир таҳлилу баррасӣ намудааст.

Аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки дар ғазалиёти Ҷалолиддни Балхӣ калимаҳои мураккаб ҷойгоҳи вижаро касб намуда, шоир тамоми имконоти дохилии забони тоҷикӣ ва қолибҳои гуногуни ин усули калимасозиро эҷодкорона истифода кардааст. Ба сохтор ва маъниҳои бикри калимаҳои мураккаби бо ин усули калимасозӣ эҷоднамудаи шоир таваҷҷуҳ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоир аз назокат ва нафосати забони тоҷикӣ дар пояи хеле баланд огаҳӣ доштааст, ки имрӯз низ забони осори ин шоири маънирас асолату қимати худро аз даст надодаанд. Балки барои ворисони ояндаи ин забони муқтадиру шукуҳманд намунаи олии ибрат ва барои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав поягоҳи хуби эҷодӣ гаштааст.

Калимаҳои мураккаби ғазалиёти Ҷалолиддини Балхиро аз рӯйи сохторашон ба мисли забони адабии ҳозираи тоҷик ба се гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта ҷудо намудан мумкин аст. Ҳамин гуногунрангии сохтори калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоирро ба назар гирифта диссертант онҳоро вобаста ба мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ба фаслҳои алоҳида ҷудо намудааст. Масалан, **зерфасли якуми фасли дуюми боби дуюм** «Исмҳои мураккаби пайваст дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» номгузорӣ шудааст. Исмҳои мураккаби пайвасти ғазалиёти шоир аз рӯйи талаботи қоидаи дастури забони тоҷикӣ дар доираи ду қолаб – ба воситаи миёнванд (**гирдогирд, такопӯ, хонумон, таранготаранг, кашмакаш, печопеч, бурдобурд**) ва такрорёбии як калима (**қаҳ-қаҳ, тақ-тақ, ҳой-ҳой, нӯш-нӯш, гӯр-гӯр**) сохта шудаанд.

**Зерфасли дуюми фасли дуюми боби дуюм** бо номи «Сифатҳои мураккаби пайваст дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» ба таҳқиқи сифатҳои мураккаби пайваст дар заминаи ғазалиёти шоир бахшида шудааст. Чунонки дар боло зикр намудем, ин ҷузъҳои калимаҳои мураккаби пайваст ба воситаи миёнванд ва такрори як калима бо ҳам пайванд мешаванд.

Сифатҳои мураккаби пайваст низ аз рӯйи ҳамин қоидаи маъмул сохта мешаванд. Бинобар маълумоти овардаи диссертант дар ғазалиёти шоир дар ин қолаб сохта шудани сифатҳои мураккаб то андозае кам дида мешаванд. Дар девони ғазалиёти шоир чунин сифатҳои мураккаби пайваст мушоҳида карда шудааст: **гуна-гуна, зор-зор, пора-пора, ранг-ранг, рангоранг, моломол, сер-сер, хуш-хуш, хор-хор, пуштопушт.**

Зарфҳои мураккаби пайваст дар **зерфасли сеюми фасли дуюми боби дуюм** бо номи «Зарфҳои мураккаби пайваст дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» таҳлил шудааст. Корбурди ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб дар ғазалиёти шоир васеъ буда, аз такрори исм (**бурҷ-бурҷ, даста-даста, қатор-қатор, зарра-зарра**), сифат (**баланд-баланд, турш-турш, ҷудо-ҷудо, нарм-нарм**) ва зарф (**зуд-зуд, андак-андак, тез-тез, кам-кам**) сохта шудаанд.

Ба ҳамин тартиб довталаби дараҷаи илмӣ калимаҳои мураккаби тобеи ғазалиёти шоир низ таҳқиқу баррасӣ шуда, аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ монанди калимаҳои мураккаби пайваст ба гурӯҳҳои алоҳида дастабандӣ намудаааст. Ба таҳқиқи диссертант ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб дар ғазалиёти шоир корбурди васеъ дошта, шоир бо ин усули калимасозӣ вожаҳоеро дар ғазалиёташ корбаст намудааст, ки аз нигоҳи илми забоншиносӣ ҳамаҷониба ба таҳқиқ фаро гирифтани онҳо амри саривақтӣ мебошад.

Масалан, калимаҳои **шакархона, фаррухрух, соҳибкулаҳ, соҳибливо, лаъллаб, қандлаб, сабукгӯш, сабукҷисм, ганҷандӯз, ранҷандӯз, шақосиришта, даҳчаҳор, оҳандил** ва монанди инҳо аз қабили он калимаҳои мураккабеанд, ки диссертант онҳоро аз ганҷинаи пурасрори ғазалиёти шоир дарёт намуда, ҳунари волои суханпардозии шоирро нишон додааст. Гузашта аз ин, ба сохтору мазмуни калимаҳои мазкур таваҷҷуҳ намуда, метавон зикр намуд, ки чунин нодиркорӣ ба сабки фардии шоир тааллуқ дорад.

Як гурӯҳи калимаҳои мураккабро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ калимаҳои мураккаби омехта ташкил мекунанд. Диссертант кӯшиш намудааст, ки роҳҳои калимасозии калимаҳои омехтаро дар асоси маводи ғазалиёти шоир бо тамоми нозукию шукуҳу шаҳоматаш нишон диҳад. Аз таҳқиқ анҷомдодаи диссертант маълум мешавад, ки калимаҳои мураккаби омехта дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ нақши муассир дошта, шоир ин гурӯҳи калимаҳои мураккабро дар ғазалиёташ ба таври васеъ самаранок истифода намудааст. Калимаҳое, ки шоир дар ин қолаби калимасозӣ сохта корбаст намудааст, аз рӯйи сохтор ва мазмуну муҳтавояшон ҷолиби диққат буда, бо хусусиятҳои махсуси луғавиашон таркиби луғавии забонамонро бою ғанӣ мегардонанд. Чунончи: **рӯзагирифта, харбанда, куҳангашта, дурдонагӣ, пухтасухан, гуфторхом, ҳайратофарин, ширафишор**

калимаҳоеанд, ки дар заминаи ҳамин қолаби калимасозӣ сохта шуда, як паҳлуи дурахшони ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро дар бар гирифта, аз назокату латофати табъи шоир дарак медиҳанд.

**Фасли чоруми боби мазкур** бо номи «Калимаҳои мураккаб ва таносуби онҳо бо роҳи калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» ба таҳқиқи роҳҳои сохта шудани калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта бахшида шудааст. Дар ин фасл сохтор ва қолабҳои сохта шудани калимаҳои мураккаби мазкур бо таҳлили мисолҳо ба таҳқиқ фаро гирифта шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** ҳам бо як қатор хусусият ва ҷанбаҳои судбахши илмиаш дар самти омӯзишу таҳқиқи вижагиҳои тарзу воситаҳои калимасозии ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

**Хулосаи** диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна аз 11 банд иборат буда, бо далелҳои қавӣ асоснок гардидааст ва дар муайя намудани роҳу воситаҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ саҳми арзанда ва намоён мегузорад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд назарияи калимасозии забони тоҷикиро ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар забони муосир такмил диҳад. Бо дарназардошти он ки масъалаи асосии таҳқиқи анҷомшударо омӯзиш ва баррасии гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, сохту таркиби морфологӣ, қолабҳо, замина ва тарзу воситаҳои ташаккули онҳо ташкил менамояд, хулосаҳои аз таҳқиқ бадастомада метавонад баъзе ҷанбаҳои назариии забоншиносии муосири тоҷикиро тақвият бахшанд. Маводи диссертатсияро метавон зимни таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз морфология, калимасозӣ, грамматика дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои арзишманд аз камбудиҳо орӣ нест ва зикри чанде аз онҳоро барои пешрафти корҳои минбаъдаи диссертант лозим мешуморем:

1. Муаллифи диссертатсия дар кори илмӣ доир ба тадқиқоти дар солҳои охир ба анҷом расида маълумот намедиҳад. Аз ҷумла, доир ба корҳои илмӣ-тадқиқии М. Б. Норов, А. Тоирзода, М. Зоитова, Г. Иброимова.

2. Дар номи зерфасли якуми фасли якуми боби дуюм ва фасли дуюми боби дуюм якрангӣ ба назар мерасад. Яъне ҳар ду бо чунин ном “Калимаҳои мураккаби пайваст ва заминаи ташаккули морфологии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ” дарҷ шудаанд.

3. Зерфасли якуми фасли сеюми боби якум – “Калимасозии пасвандҳои исмсоз дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ” номгузорӣ шуда, дар ин зерфасл танҳо дар хусуси пасвандҳои исмсози -ӣ, -гар, -гор, -сор, -бон, -ор, -а, -ак, -ча, -ол, -дон, -лох, -гоҳ, -зор, -но, -истон, -иш, -о ва нақши онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ маълумот дода шудааст. Аммо пасвандҳои маъносози - анда, -ият, -ос/ас, чӣ, -акӣ, -вар, -ворӣ, -гарӣ, -ия, -када, -она, -ок, -ванд, -гонӣ, -ин, -ина, -во (вой), -вода, -навард, ки дар калимасозии исм ба мушоҳида мерасанд, аз назари диссертант дур мондаанд.

4. Басомади калимаҳои дар заминаи калимасозӣ сохташудаи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхиро дар шакли ҷадвал нишон дода мешуд, ба фоидаи кор мебуд.

5. Дар саҳифаҳои 17, 18, 19, 23, 26, 30, 38, 46, 47, 48, 49, 50-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ, аломатҳои китобат ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзуд.

Эрод ва камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд, зеро муаллифи он аз иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқии худ гузоштааш сарбаландона баромадааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва турзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Амлоев Аминҷон Ятимович
28 августи соли 2025.

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисор, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail.ru

Имзои Амлоев Аминҷон
Ятимовичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович
28 августи соли 2025.

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru